# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

Дар доираи ҳафтаи илм ва нақшаи чорабиниҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар Муассисаи таълимии «Литсейи Раҳнамо» семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Самаранокии таълими тарбияи ҷисмонӣ дар заминаи хусусиятҳои иҷтимоӣ-педагогии хонандагон» баргузор гардид. Дар кори семинар омӯзгорон ва ҳайати роҳбарияти муассиса иштирок намуда, масъалаҳои муҳимми соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва рушди фаъолияти касбии омӯзгорон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар рафти семинар доктори илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳ-Давлатшоев Изатулло дар мавзуи «Самаранокии усулҳои муосири тарбияи ҷисмонӣ дар рушди малакаҳои иҷтимоии хонандагон дар замони истиқлол» маърӯза намуд. Ҳамзамон, мудири шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ ва технологияи иттилоотӣ - Пӯлотова Гулсара дар мавзуи «Муносибати инноватсионӣ ба фаъолияти худтатбиқшавии касбии омӯзгор» ва мудири шуъбаи фанҳои технология, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ - Давлатзода Сарвиноз дар мавзуи «Таҳаввули низоми тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар давраи истиқлолият» суханронӣ намуданд. Дар анҷоми семинар байни иштирокчиён мубодилаи афкор баргузор гардида, доир ба ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим ва тақвияти иқтидори илмию методии соҳа пешниҳодҳои мушаххас ироа шуданд.






Google


Google
WiFi
Microsoft
Windows

